# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Алҷуанӣ Султон Абдукарим дар мавзуи «Вижагиҳои забонии матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www.irna.ir (ایرنا ), www.BBC Persian (بی بی سی)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) пешниҳод шудааст.

Боиси хушнудист, ки дар ин авохир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба омӯзишу таҳқиқи масоили тарҷума ва татбиқи он дар сатҳи забонҳои мухталиф зиёд мегардад, ки намунааш диссертатсияи Алҷуанӣ Султон Абдукарим мебошад. Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои забонии матнҳои сиёсии форсии тарҷумашуда ба арабӣ бахшида шудааст. Тарҷума яке аз мушкилтарин соҳаи фаъолияти зеҳнии инсонҳо ба шумор рафта, пешрафту густариши иртиботи миёни халқҳо ба рушду камоли он вобастагӣ дорад. Имрӯз ҳеҷ риштае аз илмро наметавон пайдо намуд, ки ниёзу эҳтиёҷе ба тарҷума надошта бошад. Аз сӯйи дигар, масъалаи тарҷума ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони риштаҳои гуногун, мисли фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, таърихшиносӣ, адабиётшиносиву фалсафа қарор мегирад.

Бо назардошти ин таҳқиқот дар заминаи тарҷума ва қиёс мубрамияту аҳаммияти зиёд касб мекунад. Аз ин рӯ, аҳаммияти мавзуи таҳқиқи диссертант дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор мавзуи матни сиёсӣ ва хусусиятҳои забоншиносии тарҷумаи матнҳои сиёсӣ мавриди арзёбӣ қарор мегиранд. Ҷанбаи дигаре, ки гувоҳи аҳаммияту арзиши таҳқиқ аст, баррасии қиёсии

маводи таҳқиқ аст, ки дар асоси матнҳои тарҷумашуда аз забони форсӣ ба арабӣ сурат гирифтааст.

Ҳадафи аслии диссертант омӯзишу баррасии густурдаи мавзуи хусусиятҳои забонии матнҳои сиёсии форсӣ ва арабӣ ба шумор рафта, онро дар заминаи қиёси матнҳои сиёсии форсиву арабӣ анҷом додааст. Равшан аст, ки тарҷумаи матнҳои сиёсӣ аз забони форсӣ ба арабӣ фарогири мушкилоти пуршуморест, ки дар ҷараёни тарҷума дар сатҳи лексикӣ, сарфиву наҳвӣ ва маъноӣ ба зуҳур мерасад.

Вазифаҳое, ки муаллифи диссертатсия барои амалисозии мақсади таҳқиқ муайян намудааст, фарогири ҷанбаҳои гуногунанд. Аз ҷумла, пеш аз ҳама, баррасии асосҳои назарӣ ва таърихчаи тарҷума, гурӯҳбандии матнҳо аз нигоҳи амри тарҷума сурат гирифта, қонунмандиҳои тарҷума дар забонҳои форсӣ ва арабӣ муайян гардидааст. Таҳлилу арзёбии мафҳуми «гуфтмони сиёсӣ» анҷом шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст матнҳои сиёсӣ дар мисоли матнҳои сиёсии форсӣ ва тарҷумаи арабии онҳо мавриди таҳлилу арзёбии густурдаву амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар натиҷаи пажӯҳишу баррасиҳо ба вижагиҳову қонунмандиҳои хосси тарҷума дар забонҳои мавриди назар даст ёфтааст. Бо мақсади тарҷумаи дурусту қобили қабули тарҷумаи матнҳои форсӣ ба арабӣ пешниҳоду андешаҳои судманд пешниҳод гардидааст.

Бунёди назарии диссертатсияи мазкурро осори таҳқиқии забоншиносону донишмандони саршинос дар заминаи назарияи тарҷума, маъноширосӣ ва сарфу наҳв ташкил медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бо таҳқиқи ҷанбаҳои забонии матнҳои тарҷума, хосатан матнҳои сиёсӣ, баъзе вижагиҳои услуби тарҷумаи матнҳо дақиқ карда мешавад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳи 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб мешавад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсия бо шиносномаи 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия ва пешниҳодҳои унвонҷӯ дар 3 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки саҳми шахсии муаллифро ташкил медиҳад. Мақолаҳои диссертант дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия комилан мутобиқат доранд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсия таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Алҷуанӣ Султон Абдукарим дар мавзуи «Вижагиҳои забонии матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www.irna.ir (ایرنا), www.BBC Persian (بی بی سی)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Алчуанӣ Султон Абдукарим дар мавзуи «Вижагиҳои забонии матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www.irna.ir (ایرنا), www.BBC Persian (بی بی سی)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901- Забони форсӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-02-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

- **Исмоилов Олимхоҷа Бурҳонхоҷаевич** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва хитоии факултети забонҳои шарқи МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Гулназарзода Ҷ. Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Рахматуллозода С.Р.

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Ф.

«22» ноябри соли 2022.